**Таҳлили таъсири танзимкунии**

лоиҳаи қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон “Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон аз 29 майи соли 2019, №58

| | |
|---|---|
| Намуд ва номи лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқӣ | Лоиҳаи қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон “Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон аз 29 майи соли 2019, №58 (“Дар бораи Тартиби таъсиси воҳидҳои сохторӣ аз ҷониби ташкилотҳои қарзии молиявӣ ва филиалҳои онҳо”). |
| Маълумот дар бораи таҳиякунандаи лоиҳаи санади маъёрии ҳуқуқӣ | Бонки миллии Тоҷикистон |
| Доираи шахсоне, ки амали санади меъёрии ҳуқуқӣ ба онҳо паҳн мегардад | Ташкилотҳои қарзии молиявӣ |
| Муҳлати қабули санади меъёрии ҳуқуқӣ | 25 июни соли 2023 |
| Маълумот дар бораи ҷойгир намудани огоҳинома оид ба таҳияи санади меъёрии ҳуқуқӣ | Огоҳинома дар бораи таҳияи лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқии мазкур дар Феҳрасти нақшаҳои таҳияи лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқии Портали интернетии иттилоотии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон санаи 10 ноябри соли 2022 ҷойгир карда шудааст. |
| Маҷмуи таклифҳои аз рӯи натиҷаи ҷойгиркунонии огоҳинома оид ба омода намудани санади меъёрии ҳуқуқии воридгардида ва хулосаи таҳиякунанда оид ба онҳо | Аз рӯи натиҷаи ҷойгиркунонии огоҳинома оид ба омода намудани лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқии мазкур таклифу пешниҳодҳо ворид нагардидааст. Пас аз дар Феҳрасти нақшаҳои таҳияи лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқии Портали интернетии иттилоотии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷойгиркунонии огоҳинома оид ба омода намудани лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқии мазкур машварати оммавӣ гузаронида шуда, нақшаи қабули лоиҳа аз ҷониби тарафҳои манфиатдор ҷонибдорӣ гардид. |
| Тавсифи мушкилот, ки барои ҳал намудани он | Мавҷуд набудани воҳидҳои сохтории ташкилотҳои қарзии молиявӣ дар меҳмонхонаҳо, |

| | |
|---|---|
| қабули санади меъёрии ҳуқуқӣ зарур аст ва оқибатҳои эҳтимолии он дар ҳолате, ки агар ягон амал андешида нашаванд. | фурудгоҳҳо, осоишгоҳҳо ва дидбонгоҳҳои гумрукӣ боиси норозигии меҳмонон ва сайёҳҳони хориҷӣ гардида истодааст.<br>Дар асоси талаботи Тартиби таъсиси воҳидҳои сохторӣ аз ҷониби ташкилотҳои қарзии молиявӣ ва филиалҳои онҳо барои пешниҳоди хизматрасониҳои бонкӣ воҳиди сохторӣ дар шакли маркази хизматрасонии бонкӣ пешбинӣ шудааст, ки масоҳати он набояд аз 25 метри мураббаъ ва шумораи кормандонаш набояд аз 3 нафар кам бошад. Ташкили чунин воҳиди сохторӣ дар меҳмонхонаҳо, фурудгоҳҳо, осоишгоҳҳо ва дидбонгоҳҳои гумрукӣ қариб ғайриимкон мебошад.<br>Бо мақсади мусоидат намудан ба рушди соҳаи сайёҳӣ дар кишвар, беҳтар намудани дастрасии сайёҳону меҳмонони хориҷӣ ба хизматрасониҳои молиявӣ, баланд бардоштани сифати хизматрасонии бонкӣ, зиёд гардонидани дастрасии аҳолӣ ба хизматрасониҳои молиявӣ ва таъсиси ҷойҳои нави корӣ, зарурати аз нав таъсис ва ба танзим даровардани фаъолияти нуқтаҳои хизматрасонии хазинавии ташкилотҳои қарзии молиявӣ ба миён омадааст.<br>Инчунин, ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Тартиби таъсиси воҳидҳои сохторӣ аз ҷониби ташкилотҳои қарзии молиявӣ ва филиалҳои онҳо, ки қаблан бо ҳамин санад иҷозати таъсиси нуқтаҳои хизматрасонии хазинавӣ дар меҳмонхонаҳо, фурудгоҳҳо, осоишгоҳҳо ва дидбонгоҳҳои гумрукӣ бо доираи амалиёти хариду фурӯши асъори хориҷӣ, ивази асъорҳо, майда кардани асъор ва ивази асъори фарсуда танзим гардида буд, барои дастрас ва содда гардонидани хизматрасониҳои бонкӣ барои аҳолӣ пешбинӣ шудааст. |
| Ифодаи мақсадҳои дахолати давлат | Мақсад аз дахолати давлат, яъне ворид намудани тағйиру иловаҳо дар Тартиби мазкур мусоидат намудан ба рушди соҳаи сайёҳӣ дар кишвар, беҳтар намудани дастрасии сайёҳону меҳмонони хориҷӣ ба хизматрасониҳои молиявӣ, баланд бардоштани сифати хизматрасонии бонкӣ, зиёд гардонидани дастрасии аҳолӣ ба |

| | |
|---|---|
| | хизматрасониҳои молиявӣ, махсусан амалиёти мубодилавӣ ва таъсиси ҷойҳои нави корӣ мебошад. |
| Тавсифи мухтасари лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқии пешниҳодшуда, аз ҷумла чораҳои пешбининамудаи лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқии пешниҳодшуда, ӯҳдадорӣ ва маҳдудиятҳо барои субъектҳои соҳибкорӣ, асосноккунии интихоби роҳи ҳалли чунин мушкилот | Лоиҳаи қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон “Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Тартиби таъсиси воҳидҳои сохторӣ аз ҷониби ташкилотҳои қарзии молиявӣ ва филиалҳои онҳо” бо мақсади таъсис ва танзими амали нуқтаҳои хизматрасонии хазинавӣ бо доираи анҷомдиҳии амалиётҳои хариду фурӯши асъори хориҷӣ ва мубодилаи он таҳия карда шудааст.<br>Мутобиқи моддаи 11 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи фаъолияти бонкӣ” ва моддаи 6 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ташкилотҳои маблағгузории хурд” ташкилотҳои қарзии молиявӣ ва филиалҳои онҳо метавонанд берун аз маҳалли воқеъгардидаи худ воҳидҳои дигари сохториро бо тартиби муқаррарнамудаи Бонки миллии Тоҷикистон таъсис диҳанд. Воҳидҳои сохтории мазкур аз номи ташкилотҳои қарзии молиявӣ амалиёти алоҳидаи бонкиеро иҷро менамоянд, ки номгӯи онҳо бо санадҳои меъёрии ҳуқуқии Бонки миллии Тоҷикистон муқаррар карда мешавад.<br>Ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Тартиби таъсиси воҳидҳои сохторӣ аз ҷониби ташкилотҳои қарзии молиявӣ ва филиалҳои онҳо, ки қаблан бо ҳамин санад иҷозати таъсиси нуқтаҳои хизматрасонии хазинавӣ дар меҳмонхонаҳо, фурудгоҳҳо ва дидбонгоҳҳои гумрукӣ бо доираи амалиёти хариду фурӯши асъори хориҷӣ, ивази асъорҳо, майда кардани асъор ва ивази асъори фарсуда танзим гардида буд, барои дастрас ва содда гардонидани хизматрасониҳои бонкӣ барои аҳолӣ пешбинӣ шудааст.<br>Лоиҳаи тағйиру иловаҳо ба Тартиби таъсиси воҳидҳои сохторӣ аз ҷониби ташкилотҳои қарзии молиявӣ ва филиалҳои онҳо бо назардошти таклифу пешниҳодҳои тамоми воҳидҳои сохтории Бонки миллии Тоҷикистон, инчунин |

| | |
|---|---|
| | ташкилотҳои қарзии молиявӣ таҳия гардида, дар он меъёрҳои қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои меъёрии ҳуқуқии Бонки миллии Тоҷикистон, таҷрибаи пешқадами ҷаҳонӣ дар самти хизматрасонии бонкӣ барои резидентҳо ва ғайрирезидентҳо ба инобат гирифта шудааст.<br>Мутобиқи Тартиби гузаронидани экспертизаи зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқии хусусияти умумиҳатмидоштаи вазоратҳо, кумитаҳои давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот ва лоиҳаҳои онҳо, арзёбии дохилиидоравии зиддикоррупсионии лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 июни соли 2014, №355 тасдиқ шудааст, лоиҳаи тағйиру иловаҳо ба Тартиби таъсиси воҳидҳои сохторӣ аз ҷониби ташкилотҳои қарзии молиявӣ ва филиалҳои онҳо барои гузаштан аз арзёбии дохилиидоравии зиддикоррупсионӣ ба воҳидҳои сохтории Бонки миллии Тоҷикистон пешниҳод гардида буд. Аз рӯи хулосаҳои аз ҷониби воҳидҳои сохтории дахлдор пешниҳодгардида дар лоиҳаи мазкур омилҳои бавуҷудоварандаи коррупсия ошкор нагардидааст.<br>Дар маҷмуъ қабули лоиҳаи мазкур барои дар сатҳи зарурӣ ба роҳ мондани танзим ва назорати фаъолияти воҳидҳои сохтории ташкилотҳои қарзии молиявӣ, рушди минбаъдаи соҳа, баланд бардоштани сифати хизматрасонии бонкӣ ва баргардонидани боваринокии аҳолӣ ба низоми бонкӣ, мусоидат хоҳад намуд.<br>Дар доираи тағйиру иловаҳо дар Тартиби мазкур чораҳои зерин пешбинӣ карда мешаванд:<br>1) тартиби кушодан ва талабот нисбат ба нуқтаҳои хизматрасонии хазинавии ташкилотҳои қарзии молиявӣ танзим карда мешавад;<br>2) номгӯи хизматрасониҳое, ки нуқтаҳои хизматрасонии хазинавӣ пешниҳод менамоянд, муқаррар карда мешаванд. |
| Тавсифи роҳҳои ҳалли мушкилот ва ноил | Бо мақсади ҳалли мушкилоти зикргардида (набудани воҳидҳои сохтории ташкилотҳои |

| | |
|---|---|
| гардидан ба мақсадҳои гузошташуда, ки таҳиякунанда баррасӣ намуда буд (бидуни санади меъёрии ҳуқуқӣ) | қарзии молиявӣ дар меҳмонхонаҳо, фурудгоҳҳо, осоишгоҳҳо ва дидбонгоҳҳои гумрукӣ) аз тарафи Бонки миллии Тоҷикистон корҳои зерин анҷом дода шуданд:<br><br>- ба ташкилотҳои қарзии молиявӣ ҷиҳати кушодани воҳидҳои сохтории ташкилотҳои қарзии молиявӣ, аз ҷумла маркази хизматрасонии бонкӣ дар меҳмонхонаҳо, фурудгоҳҳо, осоишгоҳҳо ва дидбонгоҳҳои гумрукӣ тавсияҳо дода шуданд;<br><br>- таҷҳизоти техникии худкор, ки дорои имконияти анҷомдиҳии амалиёти мубодилавӣ мебошанд дар меҳмонхонаҳо, фурудгоҳҳо, осоишгоҳҳо ва дидбонгоҳҳои гумрукӣ аз тарафи ташкилотҳои қарзии молиявӣ насб гардиданд.<br><br>Бо вуҷуди аз тарафи Бонки миллии Тоҷикистон андешида шудани чораҳои зикршуда бо ташкилотҳои қарзии молиявӣ, проблемаи мазкур то ҳол ҷой дорад.<br><br>Аз ин лиҳоз, ягона роҳи бартараф намудани он дар ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Тартиби мазкур дида мешавад. |
| Арзёбии муфассали хароҷоти буҷети давлатӣ ва оқибатҳои иҷтимоию иқтисодӣ дар сурати қабули санади меъёрии ҳуқуқӣ | Ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Тартиби мазкур аз буҷети давлатӣ ягон хароҷотро талаб наменамояд.<br>Бонкҳо, бонкҳои исломӣ, ташкилотҳои амонатии қарзии хурд ва ташкилотҳои амонатии қарзии хурди исломӣ ва филиалҳои онҳо метавонанд нуқтаҳои хизматрасонии хазинавиро дар меҳмонхонаҳо, истгоҳҳои роҳи оҳан, осоишгоҳҳо, фурудгоҳҳо ва дидбонгоҳҳои гумрукӣ таъсис диҳанд.<br>Ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Тартиби мазкур боиси оқибатҳои зерини иқтисодию иҷтимоӣ мегардад:<br><br>✓ ба мӯътадил нигоҳ доштани қурби пули миллӣ мусоидат намуда, боиси коҳиш додани бозори ғайрирасмӣ мегардад;<br>✓ сифати хизматрасонии бонкӣ баланд |

| | |
|---|---|
| | бардошта мешавад;<br>✓ дастрасии шахсони воқеӣ ба асъори хориҷӣ бештар мегардад;<br>✓ соҳаи хизматрасонии бонкӣ рушд карда, боварии аҳолӣ ба низоми бонкӣ зиёд мегардад. |
| Нишондиҳандаҳои арзёбии инкишоф ва даврияти ҷамъоварии он | Дар сурати ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Тартиби мазкур нишондиҳандаҳои зерини инкишоф пешбинӣ карда мешаванд:<br>✓ бозори дохилии асъор шаффоф мегардад;<br>✓ нофаҳмиҳо ҳангоми анҷом додани амалиёти мубодилавӣ дар ташкилотҳои қарзии молиявӣ аз байн мераванд;<br>✓ иҷрои талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи муқовимат ба қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом” таъмин мешавад. |
| Санаи эҳтимолии мавриди амал қарор додани лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқӣ дар сурати қабули он | 29 июни соли 2023 |

Раис Холиқзода Ҳ. Ҳ.